# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Иҷораи молиявӣ (лизинг) маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба татбиқи шартнома, алалхусус бадастовардани мавзуи лизинг ба вуҷуд меояд. Рушди соҳаи мазкур ба афзоиши сармоягузории корхонаҳои ватанӣ, инчунин беҳтар намудани мукамалгардонии лизинги байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар ҶТ бештар дар муносибатҳои кишоварзӣ шартномаи лизинг мавриди истифода қарор дода мешавад. Бинобар ин тибқи Барномаи миёнамуҳлати рушди ҶТ барои солҳои 2021-2025 беҳтар намудани заминаи моддию техникӣ ва таъминоти иттилоотии соҳаи кишоварзӣ тавассути татбиқи васеи низоми агролизинг ба воситаи зиёд намудани техникаи хурд ва миёнаҳаҷми кишоварзӣ, аз ҷумла ба шароити минтақаҳо мутобиқ муқаррар карда шудааст.

Ҳамзамон, як қатор мушкилотҳо дар хусуси табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур ҷой доранд. Баррасӣ мегардад, ки шартномаи иҷораи молиявӣ аҳди дутарафа аст ё ин ки бисёртарафа. Барои дуруст муайян намудани табиати ҳуқуқии шартномаи лизинги молиявӣ моро зарур аст, ки аз баррасии лизинг ҳамчун категорияи иқтисодӣ-ҳуқуқӣ даст кашем. Минбаъд диққати асосӣ ба паҳлӯҳои ҳуқуқии лизинг дода шуда, моҳияти иқтисодии он бошад дар ҳолатҳои зарурӣ ба инобат гирифта мешавад.

Нақши шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, алалхусус таносуби он бо шартномаи иҷора, умумият ва фарқияти он аз шартномаҳои хариду фурӯш бо муҳлати пардохт, қарз ва кредит яке аз мушкилотҳои дигар ба ҳисоб меравад.

Дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон оид ба иҷораи молиявӣ (лизинг) баҳсҳои зиёди судӣ ва маъмурӣ вуҷуд доранд, ки теъдоди ин гуна баҳсҳо ба омилҳои гуногун вобастагӣ дорад, аз қабили: номукаммал будани қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур; мавҷуд набудан таҳқиқи комили илмӣ; ба таври дахлдор ташаккул наёфтани фарҳанги ҳуқуқии субъектони муносибати мазкур; такмил наёфтани тартиб ва шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ғайра. Баҳсҳое, ки дар самти падидаи мазкур ҷой доранд, хусусияти маданӣ дошта, таҳқиқи масъалаи мазкур аз нигоҳи илми ҳуқуқи маданӣ мубрам маҳсуб меёбад.

Масъалаи иҷораи молиявӣ (лизинг) яке аз мушкилотҳои давлат ва ҷомеаи имрӯза, махсусан илм ва қонунгузории маданӣ маҳсуб меёбад. Ҳарчанд, тайи солҳои охир қонунгузорӣ дар самти мазкур дар ҳоли инкишоф аст, аммо боз ҳам меъёрҳои падидаи мазкур гуногун муқаррар шуда, дар баъзе мавридҳо такрорёбӣ ва ихтилофотҳо ба назар мерасанд. Омили мазкур боиси суст инкишоф ёфтани танзими ҳуқуқии иҷораи молиявӣ (лизинг) ва амалӣ намудани ин падида мегардад. Таҳлили амиқи илмии падидаи мазкур метавонад,

мушкилоти дар ин самт ҷойдоштаро бартараф намояд.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ қабул гардидани чандин барнома, консепсия ва стратегияҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки Ҳукумати кишвар дар ин масъалаҳо диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Сарфи назар аз ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти ҳуқуқии танзими ҳуқуқии мадании иҷораи молиявӣ (лизинг) ба таври комил анҷом дода нашудааст. Ҳарчанд баъзе аз таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажуҳиши илмӣ рӯйи кор омада бошад, ҳам онҳо ба таври умум масъалаи иҷораро ифода менамоянд. Аз ин рӯ аз нигоҳи ҳуқуқӣ, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Докторанти Ph.D Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр соли 2020 зинаи бакалаври шуъбаи рӯзонаи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва соли 2022 зинаи магистрии шуъбаи рӯзонаи ихтисоси танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр тибқи фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 27-уми октябри соли 2022, №412-05 ба ҳайси докторанти Ph.D-и кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, аз 1-уми сентябри соли 2024 дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун ассистент фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр аз муқаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Боби аввали диссертатсия** бо унвони **«Асосҳои танзими ҳуқуқи мадании иҷораи молиявӣ (лизинг)»** номгузорӣ шуда, дар доираи он нахуст аз тарафи муаллиф масъалаи инкишофи танзими ҳуқуқи мадании падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҷанбаҳои таърихии он мавриди таҳлил қарор дода шуда, бо истифода аз адабиёти ҳуқуқӣ таърихи ташаккул ва пайдоиши падидаи мазкурро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор додааст.

Рисоланавис иброз менамояд, ки таҳлил намудан аз нигоҳи таърихӣ имкон медиҳад, ки таърихи гузаштагони мо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҷрибаи ҳуқуқофарии онҳо оид ба падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ошкор карда шавад. Дар баробари ин аҳамияти падидаи мазкур дар замони муосир ва накши он дар рушди ҷомеа дарк гардида, роҳу воситаҳои такмили ин падида муайян карда мешавад.

Ҳамзамон аз тарафи муаллиф мафҳум, хусусият ва намудҳои иҷораи молиявӣ (лизинг) дар боби мазкур мавриди таҳлил қарор дода шуда, дар он мафҳуми «иҷораи молиявӣ» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ ва мафҳуму хусусиятҳои шартномаи лизинг мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар ин асно, таҳқиқбаранда нахуст ба истифодабарии дурусти истилоҳҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи лизинг таваҷҷуҳ намуда, мафҳумҳои «иҷораи

молиявӣ», «лизинг», «кредит», «қарз» ва ғайраро бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда баррасӣ кардааст.

Дар баробари ин, бо дарназардошти маҳакҳои гуногун аз тарафи муаллиф таснифбандии васеи падидаи иҷораи молиявӣ анҷом дода шудааст, ки ин метавонад таҳқиқоти илмиро боз ҳам пурратар намояд.

Зимнан, муаллиф бо истифода аз таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории маданӣ ва танзими хусусиятҳои падидаи иҷораи молиявӣ (лизинг) заминаҳои таърихии пайдоиш ва мафҳуму хусусиятҳои иҷораи молиявиро пешниҳод намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Тавсифи умумии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг)»** ном дошта, фарогири таҳлили мавзуъ, тарафҳо, нарх, шакл ва бақайдгирии давлатии шартномаи лизинг мебошад.

Ба андешаи муаллиф дар замони муосир шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун механизми танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар аксарияти муомилоти ҳуқуқи маданӣ истифода гардида, бо мақсади қонеъ намудани талаботу манфиат ва бартараф кардани эҳтиёҷоти субъектони ҳуқуқи маданӣ истифода карда мешавад.

Аз таҳлили қонунгузории кишвар ва адабиёти илмӣ маълум гардид, ки шартномаи лизинг бо шартномаҳои иҷора, хариду фурӯш, қарз ва хизматрасонӣ алоқамандии зич дорад, зеро аломатҳои шартномаҳои номбаршударо метавон дар шартномаи лизинг пайдо намуд. Шартномаи лизингӣ бо доштани хусусиятҳои худ аз шартномаҳо болозикр фарқ мекунад, ки ҳар яки онҳо дар таҳқиқоти илмӣ аз тарафи муаллиф таҳлил карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки мавзуи шартнома аз объекти шартнома васеътар буда, дар мавзуи шартнома ба ғайр аз объект, инчунин амали тарафҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) вобаста ба бавуҷудории объекти шартномаро фаро мегирад. Аммо, дар таҳқиқоти мазкур ин ду истилоҳ бо дарназардошти меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории маданӣ ба як маъно истифода карда шудааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки мавзуи шартномаи лизинг танҳо бо мақсади фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад, яъне агар мақсад фаъолияти соҳибкорӣ набошад пас ашёро ҳамчун мавзуи шартномаи лизинг эътироф намудан, ғайриимкон аст. Таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ оид ба фаъолияти лизингӣ аз ҷумла Олмон нишон медиҳад, ки мавзуи лизинг на танҳо бо мақсади соҳибкорӣ, инчунин бо мақсади шахсӣ ва оилавӣ низ истифода шуданаш мумкин аст. Ҳамзамон, Конвенсияи УНИДРУА «Дар бораи лизинги байналмилалии молиявӣ» низ муқаррароти мазкурро пешбинӣ намудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар ҷиҳати боз ҳам рушд ва инкишоф додани муносибатҳои лизингӣ дар кишвар ҳолати мазкур ба мақсад мувофиқ аст, ки дар таҳрири нави қонунгузории лизингӣ ба инобат гирифта шавад

**Боби сеюми** таҳқиқоти диссертатсионӣ «**Асосҳои қатъ гардидани шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) ва ҷавобгарии ҳуқуқи мадании тарафҳои он**» номгузорӣ шудааст.

Муносибатҳои лизингӣ мумкин аст баъди ба охир расидани муҳлати лизинг, агар тарафҳо муҳлати шартномаро дароз накарда бошанд, дар натиҷаи

харидани мавзуи лизинг аз ҷониби лизинггир, инчунин дар ҳолати бекор кардани шартномаи лизинг қатъ карда шавад. Қатъ гардидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии тарафҳо, ки аз шартнома бармеоянд, қатъ шудани шартномаро дар назар дорад.

Моҳияти қатъ гардидани уҳдадорӣ амалан қатъ гардидани уҳдадориҳои ҷойдоштаро дар назар дорад. Қатъ гардидани ҳуқуқу уҳдадориҳо дар он ифода меёбад, ки тибқи он қарздор уҳдадориҳоро минбаъд дар шакли пешбинишуда иҷро намекунад ва кредитор низ ҳуқуқ надорад иҷроиши чунин уҳдадориҳоро талаб намояд.

Бекор кардани шартнома ва ё ин ки тағйир додани шартҳои шартнома аз иродаи тарафҳо вобастагӣ дорад. Бо талаби яке аз тарафҳо шартномаи лизинг метавонад пеш аз муҳлат бекор ё тағйир дода шавад. Ҳолатҳои тағйирдиҳӣ ва бекор кардан метавонад чи дар шартнома бо хоҳиши тарафҳо муқаррар карда шавад, агар тарафҳо дар шартнома ин асосҳоро дарҷ накарда бошанд, пас онҳо метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ихтиёрӣ ё ба таври судӣ шартномаро бекор намоянд.

Муҳимтарин кафолати иҷрои шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ иҷрои дурусти уҳдадориҳои аз он ба миён омада аз ҷониби тарафҳои ин шартнома мебошад. Дар ҳолатҳое, ки уҳдадориҳо иҷро карда нашудаанд ё ба таври номатлуб иҷро карда мешаванд, онҳо вайроншуда маҳсуб меёбанд. Чунин вайронкуниҳо на танҳо ба тарафи дахлдори шартнома, балки ба тамоми механизми татбиқи лизинг зарари калон расонида метавонад. Бо мақсади пешгирӣ намудани чунин вайронкуниҳо, инчунин бартараф намудани оқибатҳои манфии онҳо ҷавобгарии маданӣ муқаррар карда шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорие, ки дар рисола дарҷ ёфтаанд, барои муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ зарур буда, ҳамзамон барои такмили қонунгузории маданӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, муаллиф амалияи мақомоти судӣ, мақомоти прокуратура, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, мақомоти андоз ва корхонаю ташкилотҳои лизингӣ, ки барои такмил додани рисола аз ҷиҳати амалӣ зарур буд, ба таври фаррох мавриди омӯзиш ва истифода қарор додааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашгардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳакимзода Яқуб Бахтиёр дар мавзуи «Масъалаҳои асосии шартномаи иҷораи молиявӣ (лизинг) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (Ph.D)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030100 –

Ҳуқуқшиносӣ (6D030103 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.


**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва
тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзозода П.З.

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак,
Тел.: (+992) 907405550
Email: parvona.mirzoev@mail.ru


**Имзои П.З. Мирзозодаро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.
«27» 08 соли 2025


Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj